# Довуд 2



Published by the Comic Bible Society, LLC
Copyright © 2021

Kingstone Comics maintains copyright to this comic book as provided by United States copyright law.

Print and digital copies of this version may be freely distributed without penalty under a Creative Commons license.




1 ПОДШОҲОН 18:3-5









1 ПОДШОҲОН 18:6-9




1 ПОДШОҲОН 18:10-12





1 ПОДШОҲОН 18:13-16




1 ПОДШОҲОН 18:15-18






1 ПОДШОҲОН 18:19-21




*ГОҲО ДАР ҶАНГҲОИ ЗАМОНИ ҚАДИМ, ҲАМЧУН НИШОНАИ НАФРАТ, ҲАРИФОНИ КУШТАШУДАРО МАЪЮБ МЕКАРДАНД. АЗ ҶУМЛА, ИН БОИСИ БАРАФРӮХТА ШУДАНИ ХАШМУ ҒАЗАБ ДАР ЛАШКАРИ МУХОЛИФ МЕГАРДИД.

1 ПОДШОҲОН 18:21-25


ТАЙЁР ШАВЕД.
ТУ 100 ҒИЛОФАК ТАЛАБ КАРДӢ, АММО МАН 200-ТО ОВАРДАМ – БАРОИ ҶАЛОЛИ ПОДШОҲАМ.
ШОУЛ ИН ДАФЪА БА ВАЪДААШ ВАФО КАРД. АММО ҲАНГОМЕ ШОУЛ ФАҲМИД, КИ ПАРВАРДИГОР БО ДОВУД АСТ ВА ДУХТАРАШ МИКАЛ ДОВУДРО ДӮСТ МЕДОРАД, БОЗ БЕШТАР БА ТАШВИШ АФТОД.
ШОУЛ БОЗ БЕШТАР АЗ ДОВУД МЕТАРСИДАГӢ ШУД, ВА ТО ОХИРИ УМР ДУШМАНИ Ӯ БУД.




1 ПОДШОҲОН 18:30






1 ПОДШОҲОН 19:1-7




1 ПОДШОҲОН 19:8






1 ПОДШОҲОН 19:9-10


РАВЕД; ХОНАЕРО, КИ ДАР ОН ДОВУД ВА ДУХТАРАМ ЗИНДАГӢ МЕКУНАНД, ИҲОТА КУНЕД.
СУБҲИДАМ КАМИН ГИРИФТА, НОГАҲОН БА Ӯ ҲУҶУМ КУНЕД – ВА ӮРО КУШЕД.
АГАР ТУ ИМШАБ ҶОНИ ХУДРО ХАЛОС НАКУНӢ, ФАРДО КУШТА МЕШАВӢ.
ИМКОНИЯТ ПАЙДО ШАВАД, МАН ТУРО ДАЪВАТ МЕКУНАМ.
МАН ТО ҲАДДИ ИМКОН ПАДАРАМРО БОЗМЕДОРАМ.
ПАГОҲИИ РӮЗИ ДИГАР
Ӯ БЕМОР АСТ.


БАРОИ МАН ФАРҚ НАДОРАД, КИ Ӯ БЕМОР АСТ Ё НЕ!
ӮРО БО БИСТАРАШ НАЗДИ МАН БИЁРЕД, ТО КИ ӮРО КУШАМ.
ДУХТАРИ ХУДАМ!
ЧАРО МАРО ЧУНИН ФИРЕБ ДОДӢ, ВА ДУШМАНАМРО РАҲО КАРДӢ, ТО КИ ГУРЕЗАД?15-17
ПАДАР, Ӯ БА МАН ГУФТ: "МАРО РАҲО НАМО, ВАГАРНА ТУРО МЕКУШАМ".


ДОВУД АЗ ШОУЛ ГУРЕХТА ХАЛОС ШУД, ВА НАЗДИ САМУИЛ БА РОМО ОМАДА, ҲАР ОН ЧИРО, КИ ШОУЛ ДАР ҲАҚҚИ Ӯ КАРДА БУД, БА ВАЙ ҲИКОЯТ НАМУД.
ЧУН БА ШОУЛ ХАБАР РАСИД, КИ ДОВУД БА РОМО ГУРЕХТААСТ, ДАСТАИ САРБОЗОНРО БАРОИ ДАСТГИР КАРДАНИ ДОВУД ФИРИСТОД, ТО КИ ӮРО КУШТА ТАВОНАД.
ДАР ШАҲРЕ КИ ДОВУД БА ОН ГУРЕХТ, ГУРӮҲИ ПАЙҒАМБАРОН ВА ШОГИРДОН ТАҲТИ РОҲБАРИИ САМУИЛ БУД.
ИН ПАЙҒАМБАРОН КАЛОМИ ХУДОРО ЭЪЛОН МЕКАРДАНД, ЭҲТИМОЛ, БО ҲАМОҲАНГИИ АСБОБҲОИ МУСИҚӢ.
САРБОЗОН БА ШАҲР БАРОИ ДАСТГИР КАРДАНИ ДОВУД ОМАДА БУДАНД, АММО ЧИЗИ ҒАЙРИОДӢ РӮЙ ДОД...






I ПОДШОҲОН 19:20-24


ДОВУД АЗ ШАҲРЕ КИ ШОУЛ ВА САРБОЗОНАШ ДАР ОН БУДАНД, ГУРЕХТА, ПЕШИ ЮНОТОН ОМАД.
ЧӢ КАРДААМ? АЙБАМ ЧИСТ? ПЕШИ ПАДАРАТ ЧӢ ГУНОҲ КАРДААМ, КИ Ӯ ҚАСДИ ҶОНИ МАН ДОРАД?
ТУ НАМЕМУРӢ!
ПАДАРАМ ҲЕҶ ЯК КОРИ БУЗУРГЕ Ё ХУРДЕ НАМЕКУНАД, БЕ ОН КИ АВВАЛ ГӮШРАСИ МАН ГАРДОНАД.
ЧАРО ПАДАРАМ ИН КОРРО АЗ МАН ПИНҲОН ДОРАД? ИН ТАВР НАМЕШАВАД.
ПАДАРАТ БА ДИЛИ ХУД МЕГӮЯД: "БИГЗОР ИНРО ЮНОТОН НАДОНАД, МАБОДО ҒАМГИН ШАВАД".
ҚАСАМ БА ҲАЁТИ ПАРВАРДИГОР ВА ҚАСАМ БА ҶОНИ ТУ, КИ ДАР МИЁНИ МАН ВА МАРГ ЯК ҚАДАМ МОНДААСТ!
ҲАР ЧИ ДИЛАТ ХОҲАД, БАРОИ ТУ МЕКУНАМ.
ФАРДО НАВМОҲ АСТ, ВА МАН БОЯД ДАР САРИ ДАСТАРХОНИ ПОДШОҲ НИШИНАМ; ВАЛЕ ТУ МАРО ИҶОЗАТ ДЕҲ, КИ ДАР САҲРО ПИНҲОН ШАВАМ.
АГАР ПАДАРАТ МАРО ПУРСУҶӮ КУНАД, ТУ ГӮЙ: "ДОВУД АЗ МАН ИҶОЗАТ ПУРСИД, КИ БА ШАҲРИ ХУД БАЙТ-ЛАҲМ ШИТОБ НАМОЯД, ЧУНКИ ДАР ОН ҶО БАРОИ ТАМОМИ АВЛОДАШ ҚУРБОНИИ СОЛОНА БУДААСТ".
АГАР ВАЙ ХАШМГИН ШАВАД, ДОН, КИ ВАЙ КОРИ БАДЕРО НИЯТ НАМУДААСТ.


ТУ БА БАНДАИ ХУД МЕҲРУБОНӢ КУН, ЗЕРО КИ МАНУ ТУ ДАР НАЗДИ ПАРВАРДИГОР АҲД БАСТАЕМ.
АГАР ГУНОҲЕ ДАР МАН БОШАД, ХУДАТ МАРО КУШ: БАРОИ ЧӢ МАРО НАЗДИ ПАДАРИ ХУД БАРӢ?
ҲЕҶ ГОҲ! АГАР МЕДОНИСТАМ, КИ ПАДАРАМ БА ТУ БАДИЕ КАРДАНИСТ, ОЁ ТУРО ХАБАРДОР НАМЕКАРДАМ?
АГАР ПАДАРАТ ҲАНӮЗ ҲАМ МАРО КУШТАНӢ БОШАД, КӢ БА МАН ХАБАР МЕРАСОНАД?
БИЁ, БА САҲРО БАРОЕМ.
ҚАСАМ БА ПАРВАРДИГОР ХУДОИ ИСРОИЛ, КИ ПАДАРАМРО ФАРДО Ё ПАСФАРДО ДАР ҲАМИН ВАҚТ МЕОЗМОЯМ!
ВА ЧУН БИНАМ, КИ НАЗАРАШ БА ТУ НЕК АСТ, НАЗДИ ТУ КАС ФИРИСТОДА, ТУРО БОХАБАР МЕКУНАМ.
АММО АГАР ПАДАРАМ БА ТУ БАДӢ КАРДАНӢ БОШАД, ПАРВАРДИГОР БА МАН ҶАЗО ДИҲАД ВА ЗИЁДА АЗ ОН КУНАД, АГАР МАН ГӮШРАСИ ТУ ГАРДОНДА, ТУРО РАҲО НАКУНАМ.
БИГЗОР ПАРВАРДИГОР БО ТУ БОШАД, ЧУНОН КИ БО ПАДАРАМ БУД.
АММО ТО ЗАМОНЕ КИ ЗИНДА БОШАМ, МЕҲРУБОНИИ ХУДРО БА МАН ЗОҲИР НАМО, ТО КИ МАН Ё АҲЛИ ХОНАДОНАМ КУШТА НАШАВАНД -- ДАР ЗАМОНЕ КИ ПАРВАРДИГОР ҲАМАИ ДУШМАНОНИ ТУРО НОБУД МЕКУНАД...


ФАРДО ТУРО ПУРСУҶӮ МЕКУНАНД, ЗЕРО КИ ҶОИ НИШАСТИ ТУ ХОЛӢ МЕМОНАД.
НАЗДИ САНГИ ОЗЕЛ РАВ. ВА МАН БА ТУ АЛОМАТЕ НИШОН МЕДИҲАМ – СЕ ТИР БА КАНОРИ САНГ МЕАНДОЗАМ, ВА ХИЗМАТГОРЕРО БАРОИ ЁФТАНИ ТИРҲО МЕФИРИСТАМ.
АГАР БА ХИЗМАТГОР ГӮЯМ, КИ "ТИРҲО АЗ ИН ТАРАФИ САНГ АСТ", БАРОИ ТУ ОСОИШ АСТ.
АГАР ГӮЯМ, КИ "ТИРҲО АЗ ОН ТАРАФИ ТУСТ", — ТУ БОЯД РАВӢ.
ПОДШОҲ ДАР РӮЗИ АВВАЛИ НАВМОҲ ДАР БОРАИ ДОВУД ПУРСОН НАШУД, АММО ДАР РӮЗИ ДУЮМ ПУРСИД.
ЧАРО ДОВУД ДИРӮЗ ВА ИМРӮЗ БА САРИ ДАСТАРХОН НАОМАД?
ДОВУД АЗ МАН ИҶОЗАТ ПУРСИД, ТО КИ БА ХОНААШ РАВАД – ЗЕРО АВЛОДИ Ӯ ДАР ШАҲР ҚУРБОНӢ МЕКУНАНД.
ЭЙ ПИСАРИ ЗАНИ БЕРОҲА!
МАГАР НАМЕДОНАМ, КИ ТУ ДОВУДРО БАРОИ ШАРМАНДАГИИ ХУДАТ ВА ШАРМАНДАГИИ МОДАРАТ ҶОНИБДОРӢ МЕКУНӢ?!
ӮРО ИН ҶО БИЁРЕД – Ӯ БОЯД КУШТА ШАВАД!
ТАҚҚӢ!!!






I ПОДШОҲОН 20:35-42




I Подшоҳон 21:1-9






I Подшоҳон 21:10-15


ДОВУД АЗ ОН ҶО РАФТА, БА ҒОРИ АДУЛЛОМ ГУРЕХТ, КИ АЗ БАЙТ-ЛАҲМИ ЗОДГОҲАШ ДАР МАСОФАИ ДУВОЗДАҲ МИЛ БУД. ВА АҲЛИ ОИЛАИ ПАДАРАШ НАЗДИ Ӯ ОМАДАНД.
АММО ДЕРТАР ҲАР КӢ АҲВОЛАШ ТАНГ БУД, ҲАР КӢ ҚАРЗХОҲЕ ДОШТ, ҲАР КӢ ЗИНДАГИИ ТАЛХ ДОШТ, НАЗДИ ДОВУД ҶАМЪ ШУДАНД. БА ЗУДӢ Ӯ САРВАРИ 400 ҶАНГОВАР ГАРДИД.
ДОВУД АЗ ТАРАФИ БИБИКАЛОНАШ РУТ БО МӮОБИЁН ХЕШИГАРӢ ДОШТ, БИНОБАР ИН НАЗДИ ПОДШОҲИ МӮОБ РАФТА ХОҲИШ КАРД, КИ БА ПАДАРУ МОДАРАШ ПАНОҲ ДИҲАД.
ЧУНОН КИ ПАЙҒАМБАР САМУИЛ БА ШОУЛ ЁРӢ МЕРАСОНД ВА МАСЛИҲАТ МЕДОД, ХУДО ПАЙҒАМБАР ҶОДРО ФИРИСТОД, ТО БА ДОВУД МАСЛИҲАТ ДИҲАД.
ДАР ИН ПАНОҲГОҲ НАИСТ. БА САРЗАМИНИ ЯҲУДО РАВ.
МАН РАФТА ДАР ҶАНГАЛИ ҲОРАТ ПИНҲОН МЕШАВАМ.


ГӮШ КУНЕД, ЭЙ МАРДОНИ БИНЁМИН! ОЁ ПИСАРИ ИШОЙ НИЗ БА ШУМО КИШТЗОРҲО ВА ТОКЗОРҲО МЕДИҲАД ВА ШУМОРО МИРИҲАЗОР ВА МИРИСАД ТАЪЙИН МЕКУНАД?
ҲАМААТОН БАР ЗИДДИ МАН ЗАБОН ЯК КАРДАЕД, ВА КАСЕ БА МАН НАГУФТ, КИ Ӯ ДАР КУҶО ПИНҲОН ШУДААСТ?
КАСЕ АЗ ШУМО ҒАМИ МАРО НАХӮРД ВА БА МАН НАГУФТ, КИ ПИСАРИ ХУДАМ БО Ӯ ЗИДДИ МАН АҲД БАСТААСТ.
МАН ӮРО ДИДАМ. Ӯ НАЗДИ АҲИМАЛИК БА ШАҲРИ КОҲИНОН ОМАД. ОНҲО БА ВАЙ ХӮРОКИ РОҲ -- ВА ШАМШЕРИ ҶОЛЁТРО ДОДАНД.
ЧАРО ТУ БАР ЗИДДИ МАН ЗАБОН ЯК КАРДА, БА ПИСАРИ ИШОЙ ЁРӢ ДОДАӢ?
КӢ БА МОНАНДИ ДОВУД БОВАФО АСТ? БИГЗОР ПОДШОҲ ИН ГУНОҲРО БА БАНДАИ ХУД НИСБАТ НАДИҲАД, ЗЕРО КИ МО АЗ ТАМОМИ ОН ЧИ ТУ МЕГӮӢ, ОГОҲ НЕСТЕМ.
КОҲИНОНРО КУШЕД. ҲАМААШОНРО. БО АҲЛИ ОИЛАҲОЯШОН.
ОНҲО АЗ ГУРЕХТАНИ ДОВУД ОГОҲ ШУДА, БА МАН ХАБАР НАДОДААНД.




I ПОДШОҲОН 22:17-23


АБЁТОР УРИМ ВА ТУММИМРО БО ХУД ОВАРДА БУД. ОНҲО ДАР СИНАБАНДИ КОҲИН НИГОҲ ДОШТА МЕШУДАНД ВА БАРОИ МУАЙЯН КАРДАНИ ХОСТИ ХУДО ИСТИФОДА МЕГАРДИДАНД.
МАЪЛУМ НЕСТ, КИ ОЁ ИН САНГҲО ҚИМАТБАҲО БУДАНД Ё НЕ, АММО ЯК ТАРАФИ ОНҲО СИЁҲ ВА ТАРАФИ ДИГАРАШОН САФЕД БУД, ВА ИН БА САВОЛҲОИ МУАЙЯН ҶАВОБИ «ҲА» Ё «НЕ» МЕДОД.
Ё ШОЯД ИН САНГҲО БО НАВИШТАҲОИ ИБРӢ БУДАНД, КИ ДАР ПАЁМҲО БАРОИ КОҲИН РАМЗКУШОӢ КАРДА МЕШУДАНД.
БА ҲАР ҲОЛ, ХУДО ИН РАМЗҲОРО БА РОҲБАРОН ЧУН ВОСИТАИ МУАЙЯН КАРДАНИ ХОСТИ ХУДО ДОДА БУД.
ИН ЯК ШАКЛИ ҒАЙБГӮӢ БУД, КИ ХУДО ДАР АҲДИ ҚАДИМ ИҶОЗАТ ДОДА БУД.
«ВА УРИМ ВА ТУММИМРО ДАР СИНАБАНДИ ДОВАРӢ МОН, ТО КИ БАР ДИЛИ ҲОРУН, ҲАНГОМЕ КИ БА ҲУЗУРИ ПАРВАРДИГОР МЕДАРОЯД, БОШАД; ВА БИГЗОР ҲОРУН ДОВАРИИ БАНӢ-ИСРОИЛРО БАР ДИЛИ ХУД БА ҲУЗУРИ ПАРВАРДИГОР ДОИМО БАРДОРАД».


ҲАНГОМЕ КИ ДОВУД ДАР ПАНОҲГОҲ БУД, БА Ӯ ХАБАР РАСИД, КИ ФАЛИШТИЁН БА ШАҲРАКИ ИСРОИЛИЁН, КИ ДАР ҚАРИБӢ БУД, ҲУҶУМ КАРДА ИСТОДААНД.
ПАС АЗ МАСЛИҲАТҶӮЙӢ БО УРИМ ВА ТУММИМ, Ӯ ФАРМОН ДОД …
МО БА ҲИМОЯИ ҚАИЛО МЕРАВЕМ. ХУДО ГУФТ, КИ ОНҲОРО БА ДАСТИ МАН МЕДИҲАД.
ДОВУД ВА ДАСТАИ Ӯ ШАҲРИ ИСРОИЛИРО НАҶОТ ДОДАНД.
АММО ХАБАР ДАР БОРАИ НАЗДИК БУДАНИ ДОВУД БА ГӮШИ ШОУЛ РАСИД…
АКНУН ХУДО ӮРО БА ДАСТИ МАН ДОДААСТ. Ӯ ХУДРО ДАР ҚАИЛО, КИ ТАНҲО ЯК РОҲИ ДАРОМАД ВА БАРОМАД ДОРАД, БАНД КАРДААСТ.
ИН ХЕЛЕ ОСОН ХОҲАД БУД.
ШОУЛ ҲАМАИ ЛАШКАРАШРО ҶАМЪ КАРДА БА ИН ҶО МЕОЯД, ТО КИ ТУРО ДАСТГИР КУНАД.
АБЁТОРРО БИЁРЕД. МАН БОЯД АЗ ПАРВАРДИГОР ПУРСАМ, КИ ОЁ МАРДУМИ ҚАИЛО МАРО БА ДАСТИ ШОУЛ МЕСУПОРАНД.
МАРДУМИ ҚАИЛО БА ЁД НАМЕОВАРАНД, КИ ТУ ОНҲОРО НАҶОТ ДОДӢ.
ОНҲО ТУРО БА ДАСТИ ШОУЛ МЕСУПОРАНД.
МО ФАВРАН МЕРАВЕМ


ДОВУД ВА САРБОЗОНАШ ДАР БИЁБОН ВА ДАР ТЕППАҲО АЗ ҶОЕ БА ҶОЕ РАФТА, АЗ ТАЪҚИБОТИ ШОУЛ ПАНОҲ МЕҶУСТ.
АММО БОРЕ ҒАЙРИЧАШМДОШТ БА БОШИШГОҲИ ДОВУД ШАХСЕ ОМАД
ИН ПИСАРИ ПОДШОҲ АСТ, МО ШАМШЕРИ ӮРО ГИРИФТЕМ.
МАН ХАБАРЕ ДОРАМ, КИ МЕХОҲАМ БА ТУ РАСОНАМ -- ДАР АЛОҲИДАГӢ.
ДОВУД – НЕ! ПАДАРАШ ӮРО БАРОИ ҒОФИЛГИР КАРДАНИ ТУ ФИРИСТОДААСТ.
НЕ. ЮНОТОН ПЕШТАР ҲАМ ҲАЁТИ МАРО НАҶОТ ДОДА БУД – Ӯ ФАҚАТ НЕКӢ МЕХОҲАД.
НАТАРС, ЗЕРО КИ ДАСТИ ПАДАРАМ ШОУЛ ТУРО ПАЙДО НАМЕКУНАД.
СУХАНОНИ ТУ МАРО РӮҲБАЛАНД МЕКУНАНД – ЧУН ПАЁМ АЗ ХУДИ ХУДО.
ТУ БАР ИСРОИЛ ПОДШОҲ МЕШАВӢ, ВА МАН БАЪД АЗ ТУ ДУЮМИН МЕШАВАМ.
БИГУЗОР ЧУНИН ШАВАД.




1 ПОДШОҲОН 23:19-25


ШОУЛ ВАҚТРО БЕҲУДА САРФ НАКАРД. 300 САРБОЗРО ГИРИФТА, Ӯ ДОВУДРО ДУНБОЛАГИРӢ НАМУД.
МО МУВАҚҚАТАН ДАР ИН ҶО МЕИСТЕМ, МАН БАРОИ ҚАЗОИ ҲОҶАТ БА ҒОР МЕДАРОЯМ.
ИНАК РӮЗЕ КИ ПАРВАРДИГОР ДАР БОРАИ ОН БА ТУ ГУФТААСТ: "МАН ДУШМАНАТРО БА ДАСТАТ МЕСУПОРАМ, ВА ҲАР ЧИ ДАР НАЗАРАТ ПИСАНД ОЯД, БА ВАЙ МЕКУНӢ".
БАЛО ЗАНАД ИН ГАРМИИ БИЁБОНИ ЯҲУДОРО …
ДОВУД НОАЁН ДОМАНИ ҶОМАИ ШОУЛРО БУРИД.
МО БО ЯК ЗАРБА ӮРО НОБУД МЕКУНЕМ.
НЕ! МАН НАБОЯД ҲАТТО БА ҶОМАИ Ӯ ДАСТ МЕРАСОНДАМ.
ТУ БА ДУШМАНАТ ИМКОН МЕДИҲӢ, КИ ҶОН БА САЛОМАТ БАРАД. АММОӮ ТУРО КУШТАНӢ АСТ.
Ӯ МАСЕҲИ ПАРВАРДИГОР АСТ – МАН ҶУРЪАТ НАМЕКУНАМ БА Ӯ ДАСТДАРОЗӢ КУНАМ.


ЭЙ ХОҶААМ, ПОДШОҲ!
ЧАРО СУХАНОНИ ОДАМОНРО ГӮШ МЕКУНӢ, ВАҚТЕ МЕГӮЯНД, КИ ДОВУД БА ТУ ҚАСДИ БАД ДОРАД?
ОДАМОНАМ БА МАН ГУФТАНД, КИ ТУРО КУШАМ -- ВАЛЕ МАН ДАСТИ ХУДРО БАР МАСЕҲИ ПАРВАРДИГОР ДАРОЗ НАКАРДАМ.
НИГАР – ПОРЧАИ ДОМАНИ ҶОМАИ ТУ ДАР ДАСТИ МАН АСТ!
ЧАРО ТУ МАРО ТАЪҚИБ МЕКУНӢ? МАН ҲАМАГӢ САГИ МУРДАЕ, КАЙКЕ ҲАСТАМ.
ДОВУД, ПИСАРАМ?
ТУ АЗ МАН ОДИЛТАР ҲАСТӢ, ЗЕРО КИ БА МАН БО НЕКӢ САЗО ДОДӢ, ВА ҲОЛ ОН КИ МАН БА ТУ БО БАДӢ САЗО ДОДААМ.
ИМРӮЗ ТУ МЕТАВОНИСТӢ МАРО БИКУШӢ – БИГЗОР ПАРВАРДИГОР ТУРО БА ИВАЗИ ОН ЧИ ИМРӮЗ БАРОИ МАН КАРДӢ, БО НЕКӢ САЗО ДИҲАД.
МАН БОВАРӢ ДОРАМ, КИ ТУ ҲАТМАН ПОДШОҲИ ИСРОИЛ МЕШАВӢ.
ВА АКНУН БАРОИ МАН БА ПАРВАРДИГОР ҚАСАМ ХӮР, КИ БАЪД АЗ САРИ МАН НАСЛИ МАРО НЕСТУ НОБУД НАМЕКУНӢ, ВА НОМИ МАРО АЗ ХОНАДОНИ ПАДАРАМ НОБУД НАМЕНАМОЙ.
ПОДШОҲАМ, МАН БА ТУ ҚАВЛ МЕДИҲАМ.

"THE BIBLE EXPLAINED IN EVERY LANGUAGE."








**SUPERBIBLE.TV**